*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-045 дар назди МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт**

Дар шароити муосир сайёҳӣ яке аз соҳаҳои рушди пуршиддаттарин ва сердаромади иқтисоди ҷаҳонӣ буда, дар баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ накши назаррас дорад. Васеъ шудани фаъолияти сайёҳӣ ҳамчун воситаи муассири ҳавасмандгардонии рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи ҳам минтақавӣ ва ҳам миллӣ ҳоло дар бештари давлатҳои ҷаҳон истифода шуда истодааст.

Соҳаи сайёҳӣ пеш аз ҳама дар ҳудуди минтакаҳои мушаххас зоҳир шуда, имкониятҳои инкишофи онро боз ҳам афзоиш медиҳад. Аз ин рӯ, истифодаи туризм ҳамчун воситаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ махсусан муҳим аст.

Таъсири афзояндаи сайёҳӣ ба шароити иҷтимоию иқтисодии ҳар як кишвари алоҳида ҳалли як қатор вазифаҳои мушаххасро тақозо мекунад, ки дар байни онҳо зеринҳо афзалият доранд: - арзёбии захираҳои захиравӣ ва имкониятҳои сайёҳии минтақа, - таҳияи усулҳои самараноки идоракунии захираҳои рекреатсионӣ, - муайян кардани самтҳои тараккиёти базаи муҳими хоҷагидорӣ барои ба даст овардани натиҷаи хубу баланд мусоидатнамуда ва ғайраҳо. Масъалаҳои қайдгардида аҳамияти илмӣ - амалии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян мекунад.

Натиҷаҳои боэътимоди миқдорӣ оид ба оптимизатсияи рушди бозори минтақавии сайёҳӣ бо назардошти арзиши нисбии хароҷоти ҳифзи захираҳои табиӣ, манфиатҳои давлатӣ ва хусусӣ дар ташаккули фаъолияти сайёҳӣ метавонанд дар доираи тамсилаҳои дақиқи иқтисодӣ ва риёзӣ ба даст оварда шудааст, ки ин самтҳои рушди стратегияи сайёҳии рақобаткунанда ва танзими давлатии соҳаи сайёҳиро барои асоснок намудан имконият додааст.

Бо баробари ин, оид ба натиҷаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда чунин камбудиҳоро қайд кардан мумкин аст:

- дар автореферати рисолаи овардашуда аз тарафи муаллиф формулаҳои риёзии ҷолиби диққат ва асоснокардашуда пешкаш гардидааст. Аҳамияти илмии диссертатсия боз ҳам баланд мегардад, агар онҳо ба факту рақамҳои реалӣ арзёбӣ карда шаванд;
- дар автореферати рисола ғалатҳои имловӣ ва услубӣ низ мавҷуд аст.

Аммо ин эроду пешниҳодҳо сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти илмии Сабуров Ихтиёр Муҳидиновичро коҳиш намедиҳад.

Дар маҷмӯъ, мазмуни автореферат шаҳодат медиҳад, ки диссертатсия таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, мустақилияти муаллифро дар пажӯҳишу ҳалли муаммоҳои илмии мавзуи интихобшуда нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Сабуров Ихтиёр Муҳидинович дар мавзуи "Амсиласозии эконометрикии рушди маҷмааи сайёҳии минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар асоси маводҳои маҷмааи сайёҳии вилояти Суғд)" ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт сазовор аст.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба илм ва**
**инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризоқулов Т.Р.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1, тел.: (+992) 342223594, e-mail: t_rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, професссор Ризоқулов Тӯрақул Рабимқуловичро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Мирпочоев И.Х.